129942 - Ҳукми ба фарзанд "Муҳид" ном гузоштан

савол

Ман ба писарам "Муҳид" (Muhed) ном гузоштам. Аммо, ба андешаи яке аз донишмандон (ё равшанфикрон) ин ном барои фарзанди ман муносиб нест. Ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки дар ҳалли масъала ба мо кӯмак расонед, ба мо бигӯед, ки оё ин чиз дар Ислом дуруст аст, ё на ва агар ин ном дар ҳақиқат муносиб набошад, чӣ бояд кард?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин ном (Муҳид) ба монанди дигар номҳои оддӣ ва муқаррарӣ аст, ки дар гузоштани он ҳеҷ монеияте нест. Аллоҳ заминро миҳод (бистар) қарор додааст. Чуноне ки дар ояти зерин фармудааст:

أَلَمْ نَجْعَلِ الأَرْضَ مِهَاداً

{Оё заминро бистаре қарор надодем}. Яъне замин фарш ва миҳод (бистар) аст.

Дар ин ном ҳеҷ монеият ва норавоие вуҷуд надорад.

Аллоҳ донотар аст.